**ТАҚРИЗИ**

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, 13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ пешниҳод гардидааст**

Солҳои охир ба баландбардоштани сатҳи салоҳиятнокии омӯзгорон диққати ҷиддӣ дода мешавад, зеро танҳо омӯзгори қобилиятнок, дорои малакаву маҳорати касбӣ, ки салоҳияти ӯро ифода менамояд, ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ шуда метавонад.

Интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)» дар марҳилаи муосири рушди маориф ва илми педагогика хеле муҳим арзёбӣ гардида, ба таҳқиқоти ҳозиразамон ва мубрам будани он шаҳодат медиҳад.

Мавзӯи таҳқиқоти илмии Шарипова Ф.А. бо нақшаи илмӣ – тадқиқотии кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» мувофиқ буда, дар Шӯрои ҳамоҳангсозии таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Мазмун ва мундариҷаи кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, 13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ мутобиқ аст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд, асосҳои методологӣ, марҳалаҳо ва методҳои таҳқиқот тайин шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, нуқтаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Асосҳои назариявии ташаккули салоҳияти омӯзгори фанни математика» асосҳои назариявии салоҳиятнокии касбии омӯзгори фанни математика тавассути ҳамгироии фанҳо барои такмили салоҳиятҳои асосии омӯзгори фанни математика оварда .шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия “Таҳқиқоти экспериментали ва арзёбии самаранокии методологияи таҳияшуда барои ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори математика тавассути интегронӣ” ишора карда мешавад, ки таҳлили хусусиятҳо ва моҳияти ташаккул ва рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо нишон дода шудааст, ки натиҷабахшии ташаккули он ба рушди ташаккули омӯзгори оянда вобаста мебошад.

Омӯзиш ва таҳлили назариявӣ ва амалӣ, кори таҷрибавӣ – озмоишӣ, коркарди миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳои он аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки корҳои таҳқиқотӣ оид ба рушди . ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳоро ташкил медиҳанд.

Кори диссертатсионӣ мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои сершумори фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогию методӣ ва инчунин таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ва мактабҳои олӣ таҳия гардидааст.

Вазифаҳои асосии таълимоти олӣ аз тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, ки қобилияти ҳалли муаммои муҳими илмӣ ва методӣ, муаммоҳои психологию педагогиро доранд, дар бар мегирад.

Унвонҷӯ бо истифода аз тарзҳои тадқиқотӣ системаи маводи фактологиро таҳлил намуда, натиҷаҳои зарурӣро ба даст овардааст.

Маводи таҳқиқот муаллиф аз 28 мақола ба чоп расонида шудааст, ки 7 тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастури таълимӣ – методӣ дар мавзӯи “Физические основы понятия высшей математики и методика их изучения” нашр шуда, мазмуну мӯҳтавои диссертатсияро дар бар мегирад.

Дар диссертатсия кори озмоишӣ дар гурӯҳи назоратӣ ҷамъбаст карда шуда, диссертант ба хулоса омадааст, ки тасаввуроти илмии донишҷӯён суст инкишоф ёфтааст. Дар ин самт диссертант мушаххас яке аз роҳҳои бартараф намудани монеаҳо барои зуҳури иқтидори эҷодии толибилмонро пешниҳод менамуд, арзиши рисола боз балантар мегардид. Ба назари мо оиди ин самт унвонҷӯ дар таҳқиқоти минбаъда диққат медиҳанд.

Мавриди зикр аст, ки тадқиқоти диссертатсионӣ кӯшиши таҷдиди назар ба ташаккул додани салоҳиятҳои касбии омӯзгори математика тавассути ҳамгироии фанҳо таҳқиқоти анҷомдода фарзияи пешниҳодшударо тасдиқ кардааст. Вазифаҳои дар тадқиқоти илмӣ гузоштешуда, пурра ҳал карда шудаанд.

Мазмун, мундариҷа ва хулосаи диссертатсияи муаллиф дар автореферат ва корҳои илмӣ аз ҷумла, мақолаҳои илмӣ, барнома ва дастури методӣ, маводҳои конференсияҳо ба пурраги инъикос гардидааст.

Рисолаи мазкур - тахассусии анҷомёфта буда, натиҷаҳои он фарогири ҷанбаҳои гуногуни тарбияи маънавии омӯзгорон дар

заминаи арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ мебошад.

Автореферат мазмуни мухтасари диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Дар асоси гуфтаҳои боло қайд кардан мумкин аст, ки рисолаи номзадии Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзуи «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, 13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ пешниҳод гардидааст, пурра ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ ба рисолаи номзадӣ ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя пешниҳод намудан мумкин аст.

Мушовири илмӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
профессори кафедраи алгебра ва
геометрияи Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Сатторов Абдурасул Эшбекович

Тел. барои тамос: (+992) 987 67 57 73
Е-майл: asattorov50@mail.ru

*Имзои д.и.п., профессор А.Э. Сатторовро тасдиқ менамоям:*
*Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.*